# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи докторанти фалсафа (PhD) Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) (ш. Душанбе, 2026 сол)**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №15/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи интихобнамудаи диссертант аз масъалаҳои басо муҳим ва ҳассоси ҳуқуқи ҷиноятии муосир ба ҳисоб меравад. Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ на танҳо масъалаи танзими як гурӯҳи алоҳидаи ҷиноятҳо, балки масъалаи ҳимояи шаъну шараф, дахлнопазирии шахсӣ, саломатии ҷисмонӣ ва равонии инсон, амнияти ахлоқии ҷомеа ва таъмини адолати ҷиноятӣ мебошад. Дар шароити рушди ҷомеаи муосир, болоравии талабот ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон, тағйирёбии шаклҳои зӯроварии ҷинсӣ, афзоиши аҳаммияти стандартҳои байналмилалии ҳифзи ҳуқуқи инсон ва зарурати такмили амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ таҳқиқи ин мавзуъ аҳаммияти хос пайдо мекунад.

Мубрамияти таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо он асоснок мегардад, ки ҷиноятҳои ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ равонашуда дорои дараҷаи баланди хавфнокии ҷамъиятӣ мебошанд. Ин ҷиноятҳо на танҳо ба ҳуқуқҳои шахсии ҷабрдида осеб мерасонанд, балки оқибатҳои вазнини маънавӣ, равонӣ, иҷтимоӣ ва оилавиро низ ба вуҷуд меоранд. Махсусан, ҷиноятҳои ҷинсӣ нисбат ба ноболиғон, шахсони дар ҳолати оҷизӣ қароргирифта, инчунин шахсоне, ки бо сабаби вазъи иҷтимоӣ ё равонӣ имконияти ҳимояи самараноки ҳуқуқҳои худро надоранд, зарурати вокуниши дақиқ, мутаносиб ва самараноки ҳуқуқи ҷиноятиро талаб менамоянд.

Дигар омили муҳим он аст, ки қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир дар самти пурзӯр намудани ҳифзи ноболиғон ва дигар гурӯҳҳои осебпазир аз таҷовузҳои ҷинсӣ тағйир ёфта истодааст. Бо вуҷуди ин, дар меъёрҳои амалкунанда як қатор масъалаҳои баҳсталаб боқӣ мемонанд: ҳудуди мафҳуми "озодии ҷинсӣ", таносуби он бо "дахлнопазирии ҷинсӣ", таърифи розигии ихтиёрӣ, нақши ҳолати оҷизӣ, фарқгузории таҷовуз ба номус аз ҳаракатҳои зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ ва маҷбур намудан ба ҳаракатҳои дорои хусусияти шаҳвонӣ, инчунин меъёрҳои

баҳодиҳии аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда. Маҳз ҳамин масъалаҳо дар рисолаи Рустамзода С.Р. мавриди таҳлили муфассал қарор гирифтаанд.

Дар шароити амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ бо латентнокии баланд, мушкилоти исботкунӣ, таъсири қолабҳои иҷтимоӣ ба арзёбии рафтори ҷабрдида, инчунин мушкилоти таъмини ҳимояи равонӣ ва ҳуқуқии ҷабрдидагон тавсиф мешаванд. Муаллиф ба ин ҷанбаҳо таваҷҷуҳ намуда, зарурати аз нав баррасӣ кардани баъзе равишҳои анъанавиро дар бандубасти ҷиноятҳои ҷинсӣ ва такмили таркибҳои дахлдори Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок менамояд. Аз ин рӯ, мавзуи таҳқиқот дорои аҳаммияти баланди назариявӣ, амалӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуқтаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Натиҷаҳои илмии дар диссертатсия бадастовардаи Рустамзода Садам Рустам дорои дараҷаи муайяни навгонӣ буда, ба рушди назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Навгонии илмии таҳқиқот, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки масъалаҳои ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ дар доираи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо муносибати комплексӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва догматикӣ таҳлил шудаанд.

Муаллиф кӯшиш намудааст, ки мафҳумҳои “озодии ҷинсӣ” ва “дахлнопазирии ҷинсӣ”-ро на ҳамчун категорияҳои комилан ҷудогона ва зидди ҳам, балки ҳамчун унсурҳои бо ҳам алоқаманди низоми ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии шахсият баррасӣ намояд. Ин равиш барои илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ аҳаммияти назариявӣ дорад, зеро дар адабиёти ҳуқуқшиносӣ то ҳол фаҳмиши ягонаи мазмун ва ҳудуди ин мафҳумҳо вуҷуд надорад.

Ба навгониҳои асосии таҳқиқот, аз ҷумла, чунин натиҷаҳо мансуб мебошанд:

– асоснок намудани мавқеъ оид ба он ки дар ҳолати оҷизии воқеии шахс категорияи озодии ҷинсӣ аҳаммияти амалии худро аз даст дода, ҳифзи дахлнопазирии ҷинсӣ бояд ҳамчун неъмати асосии ҳуқуқӣ баррасӣ гардад;

– пешниҳоди таърифи муаллифии дахлнопазирии ҷинсӣ ҳамчун манъи мутлақи ҳуқуқӣ ба ҳар гуна дахолат ба соҳаи ҷинсии шахсе, ки имконияти мустақилона ва бошуурона амалӣ намудани худмуайянкунии ҷинсиро надорад;

– муайян намудани хусусиятҳои ҷабрдида аз ҷиноятҳои ба дахлнопазирии ҷинсӣ таҷовузкунанда, аз ҷумла вобаста ба синну сол, ҳолати саломатӣ, вазъи оҷизӣ ва қобилияти ифодаи розигии огоҳона;

– таҳлили таърихии ташаккул ва рушди қонунгузории ҷиноятии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва ҷудо намудани марҳилаҳои асосии ин раванд;

– анҷом додани таҳлили муқоисавии қонунгузории давлатҳои хориҷӣ ва нишон додани фарқияти ду модели асосӣ: модели ба зӯроварӣ асосёфта ва модели ба набудани ризоият асосёфта;

– пешниҳод намудани тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 138 ва 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати равшантар намудани мафҳуми таҷовуз ба номус ва ҳаракатҳои зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ бо дарназардошти нишонаи набудани ризоияти озодона.

Ҳамин тариқ, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ба мазмуни таҳқиқот мувофиқ буда, дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Онҳо метавонанд дар рушди минбаъдаи илми ҳуқуқи ҷиноятӣ, фаъолияти қонунэҷодӣ ва такмили амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ истифода шаванд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.** Хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ифодаёфта дар асоси таҳлили маҷмуии манбаъҳои назариявӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, таҷрибаи қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, инчунин маводи амалияи судӣ таҳия гардидаанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот аз усулҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, системавӣ-сохторӣ, таҳлили догматикии ҳуқуқӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ истифода бурдааст. Ин усулҳо ба довталаб имкон додаанд, ки масъалаҳои таҳқиқшавандаро на танҳо аз нуқтаи назари меъёрӣ, балки аз лиҳози иҷтимоӣ, таърихӣ ва амалӣ низ арзёбӣ намояд.

Асоснокии натиҷаҳои таҳқиқот, пеш аз ҳама, бо истифодаи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавзеҳоти Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалӣ, қонунгузории Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Беларус, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Британияи Кабир ва дигар давлатҳо таъмин гардидааст. Ин муносибат ба муаллиф имкон додааст, ки мушкилоти миллиро дар доираи васеи таҷрибаи ҳуқуқии муқоисавӣ таҳлил намояд.

Эътимоднокии хулосаҳо, инчунин бо заминаи эмпирикии таҳқиқот тақвият ёфтааст. Муаллиф маводи фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро истифода намуда, нишондиҳандаҳои оморӣ ва зиёда аз 30 парвандаи ҷиноятиро оид ба ҷиноятҳо ба муқобили дахлнопазирии ҷинсӣ таҳлил кардааст. Истифодаи чунин мавод барои таҳқиқоти ҳуқуқи ҷиноятӣ аҳаммияти муҳим дорад, зеро он имкон медиҳад, ки пешниҳодҳои назариявӣ бо эҳтиёҷоти воқеии амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ пайваст карда шаванд.

Тавсияҳои амалии пешниҳодшуда, аз ҷумла оид ба такмили қисми 1 моддаи 138 ва қисми 1 моддаи 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар заминаи таҳлили камбудиҳои меъёрҳои амалкунанда ва таҷрибаи давлатҳои дигар асоснок шудаанд. Гарчанде баъзе пешниҳодҳо хусусияти баҳсталаб дошта бошанд ҳам, онҳо аз ҷиҳати илмӣ арзишманд буда, метавонанд барои муҳокимаи минбаъдаи қонунгузорӣ замина фароҳам оваранд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Сохтори диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам бо мантиқи мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ мебошад. Рисола аз феҳристи ихтисорот ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт ва феҳристи интишороти илмии довталаб иборат буда, ҳаҷми умумии он 186 саҳифаро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи илмии масъала, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот, марҳила, макон ва давраи таҳқиқ, асосҳои назариявӣ, методологӣ ва эмпирикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба ихтисос, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва интишороти илмӣ ба таври муназзам ифода ёфтаанд.

**Боби якуми** диссертатсия таҳти унвони «Таърихи ташаккул ва таҳқиқи муқоисавии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ: мафҳум, ҷанбаҳои таърихӣ ва муқоисавӣ-ҳуқуқӣ» аз се зербоб иборат мебошад. Дар ин боб асосҳои мафҳумӣ, таърихӣ ва муқоисавии мавзуъ таҳлил карда шудаанд. Зербоби аввал ба мафҳуми озодии ҷинсӣ дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ва ҷойгоҳи он дар низоми ҷиноятҳои ҷинсӣ бахшида шудааст. Муаллиф мавқеи олимони гуногунро таҳлил намуда, ба хулоса меояд, ки ҳифз аз ҷиноятҳо бар зидди озодии ҷинсии шахс кафолати худмуайянкунии ӯ ва озодии рафтор дар соҳаи ҷинсӣ буда, ба рушди озоди инсон ҳамчун шахсият таъсири мустақим мерасонад. Бо муқаррар намудани ҷавобгарӣ барои чунин ҷиноятҳо қобилияти ҳар як шахси болиғ барои мустақилона қарор қабул кардан – анҷом додан ё надодани рафтори муайян, идома додан ё рад кардани муносибатҳои ҷинсӣ бо дигарон ҳифз карда мешавад. (саҳ. 33).

Дар зербоби дуюми боби аввал таърихи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Муаллиф аз санадҳои давраи аввали шуравӣ то Кодекси ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҳлил намуда, нишон медиҳад, ки танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии ҷиноятҳои ҷинсӣ дар Тоҷикистон марҳила ба марҳила аз меъёрҳои пароканда ба низоми нисбатан мукаммал ва мустақили таркибҳои ҷиноятӣ табдил ёфтааст. Муаллиф таъкид

месозад, ки барои давраи шӯравӣ тамоюли устувори пурзӯр гардондани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои таҷовуз ба номус хос буд, ки тавассути қабули санадҳои махсуси меъёрӣ ва васеъ намудани доираи аломатҳои вазнинкунанда ва махсусан вазнинкунанда амалӣ мегардид. Нисбат ба шаклҳои аз ҳама хавфноки ин ҷиноят санксияҳои ҷиноятӣ то ҳадди чораҳои ниҳоӣ, аз ҷумла татбиқи ҷазои истисноӣ – ҷазои қатл мерасиданд (саҳ.47).

Зербоби сеюми боби аввал ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ дар қонунгузории давлатҳои хориҷӣ бахшида шудааст. Муаллиф қонунгузории давлатҳои пасошуравӣ ва баъзе давлатҳои хориҷии дурро муқоиса намуда, нишон медиҳад, ки дар ҷаҳон ду равиши асосӣ ба танзими ҷиноятҳои ҷинсӣ ташаккул ёфтааст: равиши ба зӯроварӣ ва таҳдиди он асосёфта ва равиши ба набудани ризоияти ихтиёрӣ асосёфта (саҳ.60). Ин хулоса барои баҳодиҳии самтҳои эҳтимолии ислоҳоти қонунгузории миллӣ муҳим мебошад.

**Боби дуюми** диссертатсия таҳти унвони «Тавсифи ҳуқуқӣ-ҷиноятии таҷовуз ба номус» аз ду зербоб иборат аст. Дар зербоби аввал аломатҳои объективии таҷовуз ба номус таҳлил шудаанд. Муаллиф объекти бевоситаи ҷиноят, тарафи объективӣ, усулҳои содир намудани кирдор, аз ҷумла истифодаи зӯроварӣ, таҳдиди истифодаи он ва истифодаи ҳолати оҷизонаи ҷабрдида, инчунин лаҳзаи анҷомёбии ҷиноят ва хусусиятҳои суйиқасд ба таҷовуз ба номусро таҳқиқ менамояд. Таҳлили мазкур нишон медиҳад, ки меъёрҳои амалкунанда дар баъзе ҳолатҳо ба шарҳи дақиқтар ва мутобиқгардонӣ бо стандартҳои муосири ҳифзи ҳуқуқҳои ҷабрдидагон ниёз доранд.

Муаллиф ба таври асоснок баён медорад, ки таҷовуз ба номус ҷинояти вазнин буда, бо роҳи истифодаи зӯроварӣ ё таҳдид, инчунин бо истифода аз ҳолати нотавонии ҷабрдида содир мегардад. Набудани ҳадди ақал яке аз ин унсурҳо бандубасти кирдорро ҳамчун таҷовуз ба номус истисно мекунад (саҳ.65).

Дар зербоби дуюми боби дуюм аломатҳои субъективии таҷовуз ба номус таҳлил гардидаанд. Муаллиф дуруст таъкид мекунад, ки тарафи субъективии ин ҷиноят, чун қоида, бо қасди бевосита тавсиф мегардад, яъне гунаҳгор дарк мекунад, ки алоқаи ҷинсӣ дар натиҷаи зӯроварии ҷисмонӣ ё рухӣ ё бо истифода аз вазъи оҷизонаи ҷабрдида анҷом меёбад ва ӯ худ мехоҳад чунин алоқаи ҷинсиро анҷом диҳад (саҳ.102).

Барои бандубасти дуруст муҳим аст, ки гунаҳгор набудани ризоияти ихтиёрии ҷабрдида, истифодаи зӯроварӣ, таҳдид ё ҳолати оҷизонаро дарк намуда, бо вуҷуди ин, барои қонеъ намудани мақсади ҷиноятии худ амал намояд. Дар ин қисмат масъалаҳои ангеза, мақсад, субъект ва иштирок дар ҷиноят низ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

**Боби сеюми диссертатсия** тахти унвони «Аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус ва фарқи он аз дигар ҷиноятҳои ҳамҷавор» аз се зербоб иборат мебошад. Дар зербоби аввал аломатҳои вазнинкунандаи таҷовуз ба номус, аз ҷумла содир намудани ҷиноят аз ҷониби гурӯҳи шахсон, расонидани зарари вазнин ба саломатӣ, ба амал омадани оқибатҳои вазнин ва содир намудани ҷиноят нисбат ба ноболиғон таҳлил мешаванд. Муаллиф аҳаммияти ин аломатҳоро барои тафриқаи ҷавобгарии ҷиноятӣ ва таъмини ҷазои одилона асоснок менамояд.

Зербоби дуюми боби сеюм ба аломатҳои махсусан вазнинкунандаи таҷовуз ба номус бахшида шудааст. Дар ин қисмат ҳолатҳои дорои дараҷаи баланди хавфнокӣ, аз ҷумла бераҳмии махсус, хусусияти гурӯҳии ҷиноят, истифодаи ҳолати оҷизӣ ва дигар ҳолатҳое, ки дараҷаи хавфнокии кирдорро ба таври назаррас афзоиш медиҳанд, таҳлил гардидаанд. Муаллиф ба дурустӣ қайд мекунад, ки ин аломатҳо ҳам ҷанбаи объективӣ ва ҳам субъективӣ дошта, барои бандубасти дақиқ ва таъини ҷазои мутаносиб аҳаммияти муҳим доранд.

Зербоби сеюми боби сеюм ба масоили фарқгузории таҷовуз ба номус аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсӣ бахшида шудааст. Муаллиф моддаҳои 138, 139 ва 140 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқоиса намуда, нишон медиҳад, ки меъёри асосии фарқгузорӣ дар аломатҳои тарафи объективӣ, хусусияти ҳаракати ҷинсӣ, ҷинси ҷабрдида, шакли маҷбуркунӣ ва истифодаи вобастагии моддӣ ё дигар вобастагӣ ифода меёбад (саҳ.164-165).

Ин қисми таҳқиқот аҳаммияти амалӣ дорад, зеро хатогиҳо дар фарқгузории таркибҳои мазкур метавонанд ба татбиқи нодурусти қонуни ҷиноятӣ оварда расонанд.

Хулосаи диссертатсия натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ҷамъбаст менамояд. Дар он хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд. Аз ҷумла, пешниҳодҳои муаллиф оид ба такмили моддаҳои 138 ва 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ворид намудани нишонаи набудани ризоияти озодона ва васеъ намудани доираи шахсони тахти ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ қарордошта қобили таваҷҷуҳ мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия.** Аҳаммияти илмии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф ба яке аз масъалаҳои камтаҳқиқшудаи илми ҳуқуқи ҷиноятии миллӣ – ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ бо муносибати мукаммал ва системавӣ рӯ овардааст. Хулосаҳои илмии довталаб метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда оид ба ҷиноятҳои ба муқобили шахсият, ҷиноятҳои дорои хусусияти ҷинсӣ, сиёсати ҷиноятӣ ва ҳифзи ҳуқуқи инсон истифода шаванд.

Аҳаммияти амалии натиҷаҳо дар он аст, ки пешниҳодҳои муаллиф метавонанд дар фаъолияти қонунэҷодӣ, таҳияи тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳияи тавзеҳоти нави Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар фаъолияти мақомоти тафтишотӣ ва судӣ ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои ҷинсӣ истифода гарданд. Натиҷаҳои таҳқиқот инчунин барои раванди таълим дар фанни ҳуқуқи ҷиноятӣ, криминология, ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ ва курсҳои махсус оид ба ҷиноятҳо ба муқобили озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсӣ аҳаммият доранд.

Аҳаммияти иҷтимоии таҳқиқот дар таҳкими кафолатҳои ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс, махсусан занон, ноболиғон ва шахсони осебпазир, баланд бардоштани сатҳи ҳассосияти ҳуқуқӣ нисбат ба ҷиноятҳои ҷинсӣ, беҳтар намудани дастрасии ҷабрдидагон ба адолати судӣ ва пешгирии такрори чунин ҷиноятҳо зоҳир мегардад.

Аз лиҳози иқтисодӣ, такмили ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ва пешгирии ҷиноятҳои ҷинсӣ метавонад ба коҳиши хароҷоти иҷтимоӣ, тиббӣ, равонӣ ва ҳуқуқии вобаста ба оқибатҳои ин ҷиноятҳо мусоидат намояд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 6 мақолаи илмии довталаб инъикос ёфтаанд. Аз онҳо 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар дигар нашрияҳои илмӣ ба табъ расидаанд. Маводи нашршуда ба мазмун ва самтҳои асосии диссертатсия мувофиқ буда, масъалаҳои мафҳум ва нишонаҳои озодии ҷинсӣ, таҳлили муқоисавии қонунгузории хориҷӣ, таърихи рушди қонунгузории Тоҷикистон, аломатҳои вазнинкунанда ва субъективии таҷовуз ба номус, инчунин фарқгузории таҷовуз ба номус аз дигар ҷиноятҳои ҳаммонанди ҷинсиро фаро мегиранд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Услуби баёни рисола илмӣ буда, муаллиф кӯшиш кардааст, ки масъалаҳои мураккаби ҳуқуқӣ-ҷиноятиро бо забони равшан ва пайдарпай таҳлил намояд. Маводи таҳқиқот бо истинод ба сарчашмаҳои миллӣ ва хориҷӣ, санадҳои қонунгузорӣ, маводи амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ва андешаҳои олимони соҳа асоснок карда шудааст. Ин ҳолат аз мустақилияти илмӣ ва омодагии довталаб барои анҷом додани таҳқиқоти илмии сатҳи зарурӣ шаҳодат медиҳад.

Навгонии натиҷаҳои илмӣ, асоснокии нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда ва аҳаммияти тавсияҳои амалӣ на танҳо дар матни диссертатсия инъикос

ёфтаанд, балки бо нашрияҳои илмӣ ва иштироки муаллиф дар ҳамоишҳои илмию амалӣ низ тасдиқи худро пайдо кардаанд.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додни дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистн аз 30-июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки ба диссертатсия дода мешавад, дар рисола баъзе нуқтаҳои баҳсталаб ва камбудиҳои ҷузъӣ ҷой доранд, ки зикри онҳо барои такмили минбаъдаи таҳқиқот муфид мебошад:

1. Муаллиф таърифи муаллифии дахлнопазирии ҷинсиро ҳамчун манъи мутлақи ҳар гуна дахолат ба соҳаи ҷинсии шахсе пешниҳод менамояд, ки ҳанӯз озодии ҷинсиро ба даст наовардааст ё имконияти амалӣ намудани онро аз даст додааст (саҳ.17).

Ин таъриф аз лиҳози назариявӣ ҷолиби диққат аст, аммо дар матни рисола меъёрҳои дақиқи муайян намудани “аз даст додани имконияти амалӣ намудани озодии ҷинсӣ” на ҳамеша пурра мушаххас шудаанд. Ба мақсад мувофиқ мебуд, ки муаллиф ҳангоми ҳимоя бо мисолҳои бештар фаҳмонад, ки чунин ҳолатҳо дар амалия чӣ гуна муайян карда мешаванд ва кадом меъёрҳо бояд барои фарқгузории ҳолати оҷизӣ, қобилияти маҳдуд ва розигии ихтиёрӣ истифода шаванд.

2. Муаллиф пешниҳод месозад, ки моддаҳои 138 ва 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ибораи зерин пурра карда шавад: «…дар ҳолати набудани ризоияти ӯ, ки ба таври озод иброз гардида, дар заминаи тамоми ҳолатҳои воқеии атроф арзёбӣ карда мешавад» (саҳ.19-20). Ба андешаи мо чунин пешниҳод баҳснок ба назар мерасад. Зеро аломатҳои дар моддаҳои мазкур муқарршуда: истифодаи зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он ё бо истифода аз вазъияти оҷизонаи зан худ аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷиноятҳои нобаршуда бидуни розигии ҷабрдида анҷом дода мешаванд. Аз ин рӯй аз муаллиф хоҳиш карда мешавад, ки ҳангоми ҳимояи рисола зарурати ворид намудани чунин тағйиротҳоро ба моддаҳои 138 ва 139 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври асоснoктар нишон медод.

3. Муаллиф пешниҳод мекунад, ки таърифи таҷовуз ба номус дар қисми 1 моддаи 138 КҶ ҶТ бо истифодаи ибораи “нисбат ба шахс ё наздикони ӯ” такмил дода шавад. Ин пешниҳод ба самти бетарафсозии гендерии ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ишора мекунад. Аммо дар ин сурат зарурати бознигарии таносуби моддаи 138 бо моддаи 139 КҶ ҶТ ба миён меояд, то ки байни таҷовуз ба номус ва ҳаракатҳои зӯроваронаи дорои хусусияти шаҳвонӣ ҳампӯшии меъёрӣ ба вуҷуд наояд. Дар рисола ин масъала матраҳ шудааст, вале оқибатҳои техникӣ-ҳуқуқии чунин тағйирот метавонистанд боз ҳам муфассалтар таҳлил карда шаванд. Эродҳои зикршуда асосан хусусияти баҳсӣ, тавсиявӣ ва ислоҳшаванда дошта, арзиши илмӣ ва амалии таҳқиқоти

анҷомдодашударо коҳиш намедиҳанд. Онҳо ба натиҷаҳои асосии диссертатсия таъсири ҷиддӣ нарасонида, баръакс метавонанд барои такмили минбаъдаи мавзуъ ва рушди таҳқиқоти минбаъда дар ин самт заминаи илмӣ фароҳам оваранд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Рустамзода Садам Рустам дар мавзуи «Ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии озодии ҷинсӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун кори илмии мустақилона, анҷомёфта ва дорои аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ арзёбӣ мегардад. Муаллиф тавонистааст масъалаҳои муҳими ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии озодии ҷинсӣ ва дахлнопазирии ҷинсиро бо истифода аз равишҳои муосири илмӣ таҳлил намуда, пешниҳодҳои мушаххас ҷиҳати такмили қонунгузории ҷиноятӣ ва амалияи ҳуқуқтатбиқнамоӣ ироа намояд.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Рустамзода Садам Рустам сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), аз рӯйи ихтисоси 6D030300-Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ (6D030301-Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ) мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятии
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон Абдуҳамитов В.А.

Суроға: 734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҳамадонӣ 55,
Тел.: (+992) 93-581-93-18. E-mail: valijon05@mail.ru

Имзои Абдуҳамитов В.А.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳои
Донишгоҳи (Славянии) Россия ва
Тоҷикистон Исмаилова М.Н.

МЕЖГОСУДАРСТВЕННОЕ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЕ УЧРЕЖДЕНИЕ ВЫСШЕГО ОБРАЗОВАНИЯ РОССИЙСКО-ТАДЖИКСКИЙ (СЛАВЯНСКИЙ) УНИВЕРСИТЕТ
УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ

Суроғаи муқарриз: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон, 734025, ш. Душанбе, кӯч. М. Турсунзода, 30.
Тел.: (+992 237) 221-35-50. Факс: (+992 237) 221-05-70.
E-mail: p.rektora@mail.ru; www.rtsu.tj.ru

«03» ___06___ 2026 сол